**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода,
профессор Гулназарзода Ҷило Бурӣ
_______________________________
«_3_» ___02___ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзӯи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. - Душанбе, 2024. - 218 с.**

Омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи вожаву луғот ва истилоҳоти соҳаҳои мухталифи ҷомеа кайҳо боз таваҷҷӯҳи олимону забоншиносонро ба худ ҷалб карда бошад ҳам, то ба имрӯз соҳаҳое мавҷуданд, ки ниёз ба таҳқиқи амиқи илмӣ доранд. Яке аз соҳаҳои муҳим - ин забоншиносӣ буда, саршору лабрез аз луғоту истилоҳоте аст, ки бо баъзе вижагиҳои сохториву маънοии худ аз дигар соҳаҳо тафовути калон дорад. Таҳлилу муқоисаи истилоҳоти забонҳои тоҷикиву олмонӣ яке аз муаммоҳои умдаи забоншиносии муқоисвӣ-таърихӣ ва типологи маҳсуб ёфта, забоншинсону истилоҳшинсонро водор месозад, ки шакли дурусти истилоҳро дарёфт намуда ба аҳли сухан пешниҳод намоянд. Агар мавзӯи фавқ дар забони тоҷикӣ то ба имрӯз дар шакли як рисола ва чанд мақолаи дигар мавриди пажуҳиш қарор гирифта бошад, пас, хусусиятҳои фарққунандаи ин анвои истилоҳот дар муқоиса бо забони олмонӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст ва диссертатсияи мавриди назар, ки **«Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»** унвон дорад, мубраму саривақтӣ будани онро бозгӯй мекунад.

**Диссертатсия** аз рӯйи мазмуну мӯҳтаво, мундариҷа ба **ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** комилан мувофиқат менамояд.

Саҳми фардии муаллифи диссертатсия дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, таҳлили маводу

натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои омӯзишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмуи методу усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти омӯзишӣ, тасдиқи амалии муқарраротҳои кори илмӣ дар раванди омӯзиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ инъикос мегардад.

**Навоварии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки дар диссертатсия бори нахуст омӯзишу таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ дар ду забони гуногунсохтору гуногуннизом, яъне тоҷикиву олмонӣ ба роҳ монда шудааст; омӯзиши назарияҳои лингвистӣ оид ба истилоҳшиносиву истилогузинӣ мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтааст; истифодаи роҳҳо, усулҳои ташаккули истилоҳоти забоншиносии забонҳои таҳқиқшаванда нишон дода шудааст; хусусиятҳои умумӣ, тафовутноки ва монандии истилоҳоти забоншиносии забонҳои фавқуззикр муайян ва баррасӣ гардидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** ба он равона гардидааст, ки маводи диссертатсияи мазкур метавонад дар омӯзиши минбаъдаи муқоисавии истилоҳоти забоншиносӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои бадастомада барои ҳалли як қатор масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ ва истилоҳшиносӣ ҳангоми муқоиса ва тарҷумаи онҳо дар забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ ҳамчун заминаи илмию назариявӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки тавсияҳои назариявӣ -методии коркардшуда доир ба роҳҳо, усулҳо ва методҳои ташаккули истилоҳоти забоншиносӣ ба таври васеъ мавриди истифодаи амалӣ қарор гирифта метавонад. Хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия тавсия дода шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии забоншиносӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунанд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия барои омӯзиши амалии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, луғатшиносӣ, луғатнигорӣ ва типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикиву олмонӣ барои забоншиносон, тарҷумаи матнҳои соҳавӣ барои мутарҷимон хизмат карда метавонад.

Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомада метавонад дар раванди таълими ихтисосҳои равияи забоншиносии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ

ҳангоми машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд.

Диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда, интишороти муаллифи диссертатсия ва замима таркиб ёфтааст.

Муаллиф дар **муқаддима**и рисола тамоми рукнҳои тибқи низомнома муқарраршударо матраҳ намудааст. Дар он, пеш аз ҳама, мубрамии мавзӯи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ гаштааст. Ҳамчунин робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, самт ва объекти таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии он, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда, аҳаммияти илмию амалии пажуҳиш зикр гардида, роҷеъ ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои кор, мутобиқати мавзуъ бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишороти муаллиф ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якуми диссертатсия «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»** ном дошта, аз чор фасл иборат буда, нахуст ба масъалаи назариявии омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ, пасон, ба масъалаҳои таҳқиқи истилоҳоти овошиносӣ бахшида шудааст.

Зербоби аввали боби мазкур «**Мавқеи истилоҳоти забоншиносӣ дар таркиби луғавии забонҳои таҳқиқшаванда**» унвон гирифта, дар он мафҳум ва ҷойгоҳи истилоҳоти забоншиносӣ дар таркиби луғавии забонҳои таҳқиқшаванда мавриди таҳлил қарор гирифтааст ва масъалаҳои ба ин мавзуъҳо марбут ба тавассути ташреҳу тавзеҳу таҳлили маводи зиёде хуб таҳқиқ шудаанд.

Аз таҳлилҳои муаллифи рисола маълум мегардад, ки таҳқиқ ва омӯзиши истилоҳот дар забоншиносии муосир ҳоло низ яке аз мавзуъҳои муҳим маҳсуб меёбад. Дар робита ба мавзуъ ва масъалаҳои таҳлили муқоисавии забонҳо олимони барҷастаи ватаниву хориҷӣ, аз қабили В. Арнолд, П.М. Карашук, Л.П. Крисин, О.Д. Мешков, В.А. Москович, А.И. Смирнитский, О.Л. Рублева, Б. Аартс, Й.Т. Леви, А. Риггс, В.С. Расторгуева, Б. Ниёзмуҳаммадов, М.Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, М. Қосимова, Д. Саймиддинов, М. Султонов, С. Назарзода, А. Мамадназаров, Қ. Тӯраҳасанов, П. Нуров, С. Ҷоматов, Ф. Баротзода, Ш. Каримов ва чанде дигарон таҳқиқоти арзишманде анҷом додаанд.

Зербоби дуюми боби якум «**Таснифоти мавзуии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» номгузорӣ шудааст. Дар фасли мазкур нахуст муаллиф аз таърифи истилотҳои «фонетика» ёдовар шуда, баъд, истилоҳоти овошиносии забонҳои муқоисашавандаро аз лиҳози мавзуъ ба 10 гурӯҳ дастабандӣ намудааст.

Зербоби сеюми боби якум «**Таҳлили сохтории истилоҳоти овошиносии якҷузъа дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» ном дорад. Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф ҳамаи истилоҳоти якҷузъаи овошиносиро ба содаву сохта ва мураккаб гурӯҳбандӣ намуда, хусусиятҳои фарқкунандаву шабоҳатнок ва умумияти ин анвои истилоҳотро бо мисолҳои мушаххас муайян кардааст, ки ин тарзу шеваи таҳлил аз мавзуъ пурра огоҳ будани муҳаққиқро бозгӯӣ мекунад. Яке аз бартариятҳои диссертатсияи мазкур аз дигар рисолаҳо дар он зоҳир гардад, ки муаллиф дар раванди таҳқиқ аз методи омор истифода намуда, таносуби микдории истилоҳҳои муқоисашвандаро мушаххас намудааст.

Дар зербоби чорум «**Таҳлили сохтории истилоҳоти бисёрҷузъа дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» муаллиф он истилоҳҳоеро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад, ки аз ду ва ё зиёда ҷузъ иборат буда, дар шакли истилоҳи таркибӣ ё истилоҳ-ибора истеъмол мешаванд. Ба андешаи муаллиф «Ин намуди ибора-истилоҳот ба воситаи алоқаҳои мушаххаси наҳвӣ сохта мешаванд. Истилоҳоти мазкур дар муқоиса бо дигар навъҳо хеле сермаҳсул буда, ба воситаи қолабҳои мушаххас сохта мешаванд. Истилоҳ-ибораҳо дар низоми истилоҳоти овошиносӣ нисбатан сермаҳсул буда, ҷузъи асосии онҳоро исмҳо ташкил медиҳанд» (саҳ. 42).

Боби дуюми диссертатсия «**Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти мансуб ба сарф дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Зербоби якуми боби дуюм «**Таҳлили сохтории истилоҳоти якҷузъаи мансуб ба сарф дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл, диссертант нахуст назару андешаҳояшро перомуни истилоҳи сарф дар забоншиносӣ баён намуда, баъдан, истилоҳоти якҷузъаи мансуби сарфи забонҳои қиёсшавандаро ба риштаи таҳқиқ мекашад.

Бояд зикр кард, ки муаллиф ҳангоми таҳлили шакливу сохтори ҳамаи истилоҳоти якҷузъаи сарфро ба содаву сохта ва мураккаб дастабандӣ намуда,

ҳамзамон, нақши усулҳои истилоҳсозиро дар ташаккули истилоҳоти сохтаву мураккаби истилоҳоти забоншиносӣ низ муайян кардааст.

Фасли дуюми боби мазакур «**Таҳлили сохтории истилоҳоти бисёрҷузъаи мансуб ба сарф дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» ном дорад. Дар ин фасл, муаллифи диссертатсия истилоҳоти таркибӣ ё истилоҳиборaҳои мансуби сарфро таҳлилу баррасӣ намуда, тавассути усули наҳвии истилоҳсозӣ сохта шудани онҳоро таъкид мекунад. Илова ба ин, муаллиф аз нақши воситаҳои алоқаҳои наҳвӣ дар ташаккули истилоҳ-ибораҳои сарфӣ низ дар ҳамин фасл ёдовар мешавад.

Хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳоти мансуб ба сарф дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар фасли сеюми боби мазкур баррасӣ мешаванд. Муаллиф дар зерфасли якуми фасли сеюм нақши вожаҳои умумиистеъмолро дар ташаккули истилоҳоти сарфи забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ муайян намуда, чунин қайд мекунад: «Ба сифати истилоҳ метавонад калимаҳои умумиистеъмол мавриди истифода қарор гиранд, зеро ки онҳо аллакай дар таркиби луғавии забон бо нигоҳ доштани низоми овозии қаблии худ арзи вуҷуд доранд. Бо табдил додани калимаи умумиистеъмолӣ ба истилоҳи илмӣ, калимаи мазкур дар низоми истилоҳот мазмуни нав мегирад. Маънои калима, тағйирёбии шакли он боиси сермаъногии калима мешавад. Ивазшавии маънои калима нисбат ба дигар воҳидҳои калони забон, махсусан мушаххасиву кӯтоҳбаёнӣ ва маъмулии онҳо бештар ба назар мерасад» (с. 83).

Падидаҳои сермаъношавӣ, ҳамгунашавӣ, муродифшавӣ ва мутазодшавии истилоҳоти забоншиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар зерфаслҳои минбаъдаи фасли сеюм мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд.

**Боби сеюми диссертатсия - «Таҳлили луғавию маъноии истилоҳоти мансуб ба наҳв дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»** номгузорӣ шуда, аз шаш фасл иборат аст.

Фасли якум «**Нақш ва ҷойгоҳи истилоҳи мансуб ба наҳв дар забонҳои муқоисашаванда**» унвон дорад. Дар фасли мазкур муаллиф мавқеи истилоҳоти наҳвро дар низоми истилоҳоти забоншиносӣ инъикос намуда, аз шарҳу тавзеҳи воҳидҳои меҳварии наҳв дар сарчашмаҳои луғатнигорӣ ёдовар мешавад.

Дар фасли дуюм «**Таҳлили сохтории истилоҳоти якҷузъаи мансуб ба наҳв дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» муаллиф ҳар як истилоҳи якҷузъаи

забонҳои муқоисашавандаро таҳлилу қиёс намуда, умумият, тафовут ва монандии онҳоро ошкор сохтааст.

Истилоҳоти бисёрҷузъаи мансуб ба наҳв дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар фасли сеюми боби сеюм баррасӣ мешаванд. Дар ин фасл роҳу усули ташаккули истилоҳоти бисёрҷузъа муайян гардида, бо кадом қолаб сохта шудани онҳо низ аз ҷониби муҳаққиқ таҳлил шудааст.

Фасли чоруми боби сеюм - «**Хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳоти мансуб ба наҳв дар забонҳои муқоисашаванда**» ном дорад. Дар ин фасл муаллиф ба падидаҳои сермаъношавӣ, ҳамгунашавӣ, муродфишавӣ ва мутазодшавӣ дучор гардидани истилоҳоти наҳвро таҳлилу муқоиса намудааст.

Дар фасли панҷум, ки «**Таҳлили мансубияти истилоҳоти наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ба ҳиссаҳои нутқ**» унвон дорад, муаллиф ҳар як истилоҳи наҳвро аз лиҳози ба кадом ҳиссаи нутқ марбут буданашон таҳлилу баррасӣ кардааст.

Фасли шашум - «**Нақши истилоҳоти наҳвии иқтибосӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл муаллиф ҳар як истилоҳи наҳве, ки аз дигар забон иқтибос шуда, ба сифати истилоҳ истеъмол мегардад, таҳлил намудааст. Дар зерфаслҳои фасли мазкур номвожаҳои аз забонҳои арабӣ, русӣ, лотинӣ, франсавӣ ва юнонӣ воридгардида мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳар як қисмати рисола хулосаҳои мушаххаси бобро дар бар мегирад. Хулосаҳои муаллиф аз натиҷаи бадастовардааш дар 12 банд ҷамъбаст гардидаанд, ки ҳамагӣ асоснокaнд.

Диссертант ҳангоми таҳияи рисола ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобат, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №268 тасдиқ шудааст, диққати махсус зоҳир намуда, дар асоси ин ҳуҷҷати зарурӣ корашро омода кардааст. Гузашта аз ин, диссертатсия босаводона ва бо забони илмӣ таҳия шуда, дар он ғалатҳои имлоӣ, китобӣ ва услубӣ ниҳоят кам ба мушоҳида мерасад, ки ин аз масъулияти баланд ва дониши хуби диссертант гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тавр, аз мутолиа ва таҳлили диссертатсияи мавриди тақриз чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки Нурова Зведамо Сафаровна мавзуъро хуб ҳазм намуда, ба ҳалли вазифаҳои дар назди худ гузоштааш ба ҳадаф расидааст.

Маводи назариву амалии фаровоне, ки муҳаққиқ гирд оварда, таҳлил намудааст, аз заҳмати зиёди ӯ дарак медиҳад. Муҳокимаронихо ва баҳсҳои диссертант дар рисола бамаврид ва илман асосноканд. Аксари мулоҳиза ва нуктаҳои назари баённамудаи ӯ ҷолиби таваҷҷуҳ ва арзишманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва худи он дар маҷмуъ ба тамоми талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим рисола ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар фасли якум «Таҳлили сохтории истилоҳоти овошиносии якҷузъа дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» масъалаи таҳлили вожаҳои мураккаби забони олмониро пас аз вожаи сохта мавриди баррасӣ қарор медод (саҳ. 20-21).
2. Агар муаллиф дар боби якум хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳоти овошиносиро таҳлилу баррасӣ менамуд, хеле хуб мебуд.
3. Дар баъзе аз саҳифаҳои рисола миқдори зиёди мисолҳо оварда шудааст (саҳ. 79-89). Хуб мешуд, ки муаллиф бо овардани як мисол таваққуф мекард.
4. Дар баъзе аз саҳифаҳои рисола (23, 48, 69, 88….) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди зикри ин нуктаҳо диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» таҳқиқоти анҷомёфта буда, дар сатҳи хуби касбӣ таҳия гардид, масъалаҳои мавриди назар ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и тартиб додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат дар ҷаласаи кафедраи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, суратҷаласаи №7/1 аз 01.02.2024 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа 21 нафар иштирок доштанд: Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 21 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**

Дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ, ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович

**Ташхисгарон:**

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети забонҳои Аврупои ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода — Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна

Дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ, ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ — Абдуласанова Зейнал Шамшербековна

**Котиби ҷаласа:**

Омӯзгори кафедраи забонҳои романӣ-германӣ, ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода — Давлатов Муслим Сайбурҳонович

«Имзоҳои Назирқулов Т.А., Ҳалимова М.С. ва Абдуласанова З.Ш.-ро тасдиқ менамоям»

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992) 37 232-50-00;
Факс: (+992) 37 232-50-03;
Сомона: www.ddzt.tj
E-mail: ddzt@ddzt.tj

01. 02. 2024 с.